**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии “Ғиёс-ул-луғот” бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ**

Забони адабии тоҷикӣ дар даврахои гуногуни таърихӣ чи аз нигоҳи жарфои маънӣ ва чи аз нигоҳи густариши имконоти услубӣ ва ғановати луғавӣ иқтидори бузурги ифодаи мафҳумҳои гуногуну нотакрор ва таҷассуми комили таҳаввулоти иҷтимоӣ ва равандҳои ҳаёти ҷомеаро доро гашта, дар баробари он худ низ боз ҳам мукаммалтару фасеҳтар ва салису ҷаззобтар шудааст ва ин вижагиро бегумон дар осори адибону сухангустарон ва суханшиносон амиқ мушоҳида менамоем. Аз ин лиҳоз таҳқиқу пажӯҳиши забони тоҷикӣ дар даврахои гуногуни таърихӣ бо назардошти асолати маъниву сохтор ва фарогири манобеи фаровон қобили арзёбии махсус аст.

Дар ин росто пажӯҳишгарони вожашиносии муосир ба низоми маъноии калимаҳо ва ғановати луғот, ифодаҳои нотакрори маъно таваҷҷуҳи хосае зоҳир намуда, тавассути таҳлилу баррасии вижагиҳои луғавӣ ва ҷанбаҳои семантикии забон доираи маъноии хар як вожаро бо тобишҳои гуногуни он муайян менамоянд, ки ин барои илми муосир арзиши назаррас дорад.

Кори диссертатасионии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии “Ғиёс-ул-луғот” бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ” ба масъалаҳои мубрами забоншиноии муосир, ки ба робитаву ҳамбастагии манбаъҳои арзишманди забонро бо забони зиндаи мардум далолат мекунад, бахшида шудааст. Бинобар ин ба риштаи таҳлил кашидани роҳҳои маҳфузмонии калимаву таркиб ва ибораҳои фарҳангномаи мазкур дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ яке аз масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлилу таҳқиқ ва мушаххас намудани робитаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии “Ғиёс-ул-луғот” бо лаҳҷаҳои имрӯзаи ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ва баррасии қонунияти ин раванди муҳими забонӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин устувории калимаву таркиб ва ибораҳои муқаррариву рехтаи “Ғиёс-ул-луғот” дар лаҳҷаҳои муосири номбурдаи тоҷикӣ ва чунин усулҳои маҳфузмонӣ ва қонунияти онҳоро муҳаққиқ ба таври комил ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Бо ҳамин тартиб муҳаққиқ тавонистааст, ки вазифаҳои муҳими илмиро ба сомон расонад ва дар ин росто чунин вазифаҳоро бар мисоли нишон додани муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ, муайян кардани тарзҳои ишораи мансубияти унсурҳои лаҳҷавӣ ба минтақаҳо аз ҷониби муаллифи луғатнома, ошкор намудани усулҳои боқимонии унсурҳои луғавии “Ғиёс-ул-луғот” дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ

ва муайян кардани гурӯҳҳои маъноии вожаҳои дар фарҳангномаи мазкур мавҷуд дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ метавон махсус қайд намуд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он нуктаҳои муҳим бармеояд, ки дар рисола нахустин маротиба дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX робитаи унсурҳои луғавии он бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ба андешаи рӯшанӣ андохтан ба нуктаҳои мавҳуми истифодаи вожаҳои алоҳида ва мансубияти забонии онҳо далелҳои забонҳои дигари эронӣ ва ғайриэронӣ истифода гардидаанд. Дар рисола нахустин маротиба роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар лаҳҷаҳои фавқуззикри ҳозираи тоҷикӣ нишон дода шудааст, гурӯҳҳои маъноии чунин воҳидҳои луғавӣ инъикос гардидаанд, мақому мавқеи ҳодисаҳои фонетикӣ дар таҳаввулоти онҳо ошкор карда шуда, бартарияти боқимонии унсурҳои луғавии эрониасл нисбат ба иқтибосӣ инъикос гардидааст.

Аҳамияти назариявию илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо чунин нуктаҳои собит мешавад, ки натиҷаҳои пажуҳиши мазкурро метавон дар оянда ҳангоми таълифи осори таҳқиқӣ доир ба гӯишшиносии таърихӣ, таърихи забонҳои эронӣ, эҷоди фарҳангномаҳои этимологӣ ва дастури луғатномаҳои шеваю лаҳҷаҳо ба таври самаранок истифода бурд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводи рисоларо метавон ҳангоми таълими курсҳои “Таърихи забонҳои тоҷикиву форсӣ”, “Лаҳҷашиносии таърихӣ”, курсу семинарҳои махсус, таҳияи фарҳангу луғатномаҳо мавриди истифода қарор дод. Инчунин натиҷаҳои умдаи рисола метавонад ба аспирантон дар таълифи рисолаҳои илмӣ кумак расонанд. Хулосаву тавсияҳои илмии натиҷаҳои тадқиқоти анҷомёфта ба муҳаққиқони минбаъда пешниҳод гардида, ҷанбаҳои тозаи равияи омӯзишро кушода медиҳанд.

Мусалламан диссертатсия дар мавзуи “Муқоисаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии “Ғиёс-ул-луғот” бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10. 02. 20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он аст, ки диссертант робитаи забони “Ғиёс-ул-луғот” бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикиро баррасӣ намуда, сабабҳо, усулҳо, қонуният ва хусусиятҳои посдории унсурҳои луғавии луғатномаи мазкурро дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии ҳозираи тоҷикӣ мушаххас намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии истифодагардида иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия фарогири 151 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзуъ асоснок ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин методҳои таҳқиқ тавсиф шуда, навоварӣ ва арзиши назариву амалии он, инчунин

нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия бо номи "Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ" фарогири се фаслу ду зерфасл буда, дар онҳо масоили мансубияти маҳаллии вожаҳо, мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар "Ғиёс-ул-луғот", истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ ба сифати унсури эзоҳёбанда, корбурди онҳо аз тарафи муаллифи "Ғиёс-ул-луғот", шарҳи воҳидҳои фразеологии лахҷавӣ дар "Ғиёс-ул-луғот" ба риштаи таҳқиқ кшида шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли "Ғиёс-ул-луғот" бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ», ба таҳлилу баррасии бозмондагии унсурҳои луғавии бостонии ба ҳамон шакли дар "Ғиёс-ул-луғот" мустаъмал, инчунин боқимонияшон ба гунаи таҳаввулёфта ё бо дигаргунии маъно бахшида шудааст. Дар ин маврид муҳаққиқ бамаврид таъкид намудааст, ки аз таҳлили ин дастаи унсурҳои луғавӣ бармеояд, ки чунин таҳаввулот дар кулли воҳидҳои луғавӣ ба дараҷаи ягона сурат нагирифта, дигаргунии шаклии калимаҳо дар қиёс бо таҳаввулоти маъноӣ бештар ба вукуъ омадааст.

Боби сеюми диссертатсия бо номи "Муқоисаи вожаҳои иқтибосии "Ғиёс-ул-луғот" бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ", фарогири чаҳор фаслу ду зерфасл аст. Аз нигоҳи муҳаққиқ мо аз луғатномаи мазкур метавонем дар қатори калимаҳои зиёди эрониасл боз воҳидҳои луғавии иқтибосии портӣ, суғдӣ, ҳиндӣ, арабӣ, туркӣ ва амсоли инро пайдо намоем. Дар баробари ин ҳиссаи калони онҳо ҳоло аз истифода мондаанд, гурӯҳи дигар агарчи имрӯз низ ба кор меравindepend, вале маънои ҳозираашон аз гузашта фарқ мекунад, қисми сеюмашон то андозае аз шакли дар «Ғиёс-ул-луғот» омада фарқ менамоянд, ки бе таҳлили дақиқ шинохтани шакли ибтидоияшон душвор аст. Чунин таъкидоту хулосабарориҳои муҳаққиқ басо ҷолибу арзанда буда, барои таҳқиқоти оянда дар ин самт манбаи ғояҳои арзишманд хоҳад буд.

Дар хулоса муҳаққиқ аз дастовардҳои илмии худ натиҷагирӣ намуда, нуктаҳои асосии илмиро дар шакди муъфаз ва мушаххас иброз менамояд ва дар интиҳои кори илмӣ тавсияҳои илмиро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод менамояд.

Мавриди зикр аст, ки диссертатсияи А Раҳимов А.И. ба дараҷаи зарурии илмӣ таълиф гардида, пажӯҳиши мукаммал ва анҷомёфта дониста мешавад.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи "Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул-луғот" бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ", дорои арзиши назаарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо баъзе нуктаҳои қобили интиқодро низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо махсус таъкид намоем:

1. Аз тарафи дигар назари муҳаққиқони ҷудогонаро дар матни таҳқиқ зикр намояд, назари интиқодии худро ба он пажӯҳишҳо камранг нишон медҳад ва дар камтарин мавридҳои назари эшонро ба баҳс мекашад.

2. Маводи мавриди таҳқиқ басо арзишманд буда, дар баробари ин бисёр хуб мебуд, ки муҳаққиқ ба масъалаҳои этнолингвистӣ ва лингвофарҳангӣ низ таваҷҷуҳ менамуд, натиҷагириҳои илмии ҷолибтар ба даст меомаданд.

3. Дар сафаҳоти ҷудогонаи автореферати диссертатсия нуктаҳои таҳрирталаб (5, 8, 11, 21, 22) ва қобили тасҳеҳ (4, 8, 13, 17, 18, 20) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор аст.

Маколаҳои интишоршудаи муҳаққиқ мухтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд ва дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Бо чунин тартиб, кори диссертатсионии Раҳимов А.И. дар мавзуи "Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул-луғот" бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ" ҷавобгӯи талаботҳои корҳои диссертасионии аз ҷониби Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида буда, таҳқиқоти илмии комил ва анҷомёфта аст, ки дастоварди илмии диссертантро инъикос менамояд. Бинобаар ин муаллифи диссертатсия Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ сазовор мебошад.

Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филология — Мухторов Зайнидин Мухторович

ФИЛИАЛИ ДОНИШКАДАИ РУШДИ МЕНЕҶМЕНТИ СИНГАПУР ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ
BRANCH OF MANAGEMENT DEVELOPMENT INSTITUTE OF SINGAPORE IN DUSHANBE CITY
РЯМ 0220002640 UIN
MDIS Dushanbe
РМА 020055501 TIN

**16.01.2023.**

734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822